ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ) ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқ.** Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ, дар рисола ба таври возеҳ ва мудаллал баён шудааст. Зеро аз як тараф ҳарчанд давоми 31 соли истиқлол аз ҷониби давлату ҳукумат силсилаи санадҳои муҳимми давлатӣ, ба монанди қонунҳо ва консепсияҳои коркардшуда, роҷеъ ба ислоҳоти соҳаи маориф, баланд бардоштани мақому неруи тарбиявии оила ва сатҳу сифати таълиму тарбияи насли наврас ва як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномавию методии дигар қабул шудааст, бо вуҷуди ин, мавзуъ ва масъалаи барои таҳқиқ интихоб-намудаи унвонҷӯ Олимов Тағойбек, яъне масъалаи арзишҳои оиладорӣ ва паҳлуҳои номакшуфи ин раванд, аз ҷумла дар замони муосир зарурати ҷустуҷӯ, муайян намудани омилҳо, дарёфти равишҳо ва усулҳои нави муассир ба маърифат ва шуури мардум, минҷумла, насли наврасро ногузир месозад. Зеро масъалаи арзишҳои оиладорӣ аз даврони классикӣ бо хусусияти ҷаҳонишавии фарҳангу маориф ва фазои иттилоотӣ тафовути назаррас дорад. Аз ҷониби дигар маҳз таҳқиқоти мазкур ва дигар мавзуъҳои мушобеҳ ба ҳамин самт, ки аз ҷониби муҳаққиқон ва донишмандони ватанӣ дар даврони истиқлол анҷом ёфта истодааст, ҳадафи татбиқи амалии ҳамин асноди давлатӣ ба шумор меравад.

Рисоланавис дуруст таъкид кардааст, ки дар раванди тарбияи насли наврас бояд афкору андеша ва таълимоту консепсияҳои педагогие

мавриди истифода қарор гиранд, ки пайванди маънавию ахлоқии наслҳоро гусаста насохта, дорои моҳияти миллӣ ва дар баробари ин бо арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ робитаи амиқи таърихӣ ва омезиши қавӣ дошта бошанд. Яъне унвонҷӯ нафақат синтези фарҳанги маънавию ахлоқии ду марҳилаи замонӣ, балки дар партави он ташаккул ва таҳаввул додани андешаҳои моҳияти миллӣ доштаро нуктаи муҳимму меҳварии кори хеш қарор додааст. Дар ҳақиқат, анъанаву суннатҳои ахлоқиву тарбиявӣ бо мурури замон аз озмоиши беамони таърих гузашта, барои бурузи арзишҳои нави маънавии наслҳои оянда заминаи устувор фароҳам меоранд. Зеро ғояҳои пешқадами педагогӣ, ки аз ҷониби мутафаккирони асримиёнагии халқи тоҷик, ба монанди Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ оид ба масъалаҳои тарбияи оилавӣ, бахусус ташаккули арзишҳои оиладорӣ коркард шуда, дар тарбияи чандин насли аҳли башар нақши пуртаъсир гузоштаанд, ҳанӯз ба таври шояду бояд таҳқиқу баррасӣ нагардидаанд.

Аз ин рӯ, кори анҷомдодаи Олимов Тағойбек бо дарназардошти ҷаҳонишавӣ ва вежагиҳои технологиву инноватсионии тамоми зинаҳои таҳсилоти муосири ватанӣ омӯзиши амиқ, арзёбии воқеӣ ва истифодаи эҷодкоронаи афкори таърихию педагогии ниёгон, ки дар он нақши махсуси тарбиявии оила, нақши оила дар ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ мавқеи намоён дорад, дар воқеъ, масъалаи мубрам, саривақтиву арзишманд дар илми педагогикаи мосири миллӣ боқӣ мемонад. Диссертант аҳамияти махсуси назариявию амалӣ ва зарурат доштани масъалаи мазкурро ба хубӣ дарк намуда, давоми се марҳила, яъне тӯли 10 сол мавзӯи мазкурро зина ба зина таҳқиқ намуда, баробари муайян намудани сарчашмаҳо, объект, мақсад ва муаммову ихтилофоти муҳимми мавзӯъро ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон комёб гаштааст ва имрӯз дар қолаби талаботу меъёри диссертатсия ба маърази дифоъ манзур намудааст.

Доир ба **тозагиҳои таҳқиқ, натиҷаҳои таъйидшуда ва нуктаҳои ба**

**ҳимоя пешниҳодшаванда** ҳаминро гуфтан зарур аст, ки муаллиф фарзияи таҳқиқотро саҳеҳ муйян намуда, баҳри беҳдошти устуворӣ ва рушди оиладории муосири тоҷик технологияи педагогии амалисозии арзишҳои оиладории ғояҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагии халқи тоҷикро дар мавриде самаранок донистааст, ки агар мазмун ва мундариҷаи ғояҳои педагогӣ ва ҷойгоҳи арзишҳои оиладории классикони мо дақиқ карда шавад, роҳу воситаҳои татбиқи арзишҳои оиладории мутафаккирони асри XI халқи тоҷик дар раванди тарбияи оиладории муосири тоҷик коркард карда шавад ва истифодаи технологияи педагогии коркардашуда барои ташаккул ва беҳдошти оиладории муосири тоҷик озмоиш карда шавад. Дар асоси ин фарзия нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи муааллифи диссертатсия гувоҳи он аст, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст.

Мазмун, муҳтаво, таҳлилу баррасии масъала аз маълумоти сарчашмаҳои адабӣ-таърихӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаву тавсияҳои пешниҳодшуда, умуман дастоварду муҳассаноти илмии рисола тозагӣ ё худ навгонии илмии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд ва дар ин замина аз таҳқиқоти илмии бунёдӣ будани диссертатсия шубҳа боқӣ намемонад.

Муаллифи диссертатсия бо дарки масъала ва таҳлили осори классикон исбот кардааст, ки афкори педагогии мутафаккирони асримиёнагии халқи тоҷик, аз ҷумла осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ, яке аз манбаъҳои муҳим ва нодир дар рушди арзишҳои оиладории ҷомеаи муосири тоҷик маҳсуб меёбанд. Зеро раванди тарбияи инсони комил, дар ҳақиқат, аз оила шуруъ мегардад ва таъсири ғояи мазкур дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Кимиёи саодат», «Насиҳат-ул-мулук» ва дигар асарҳои Имом Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ бо фарогирии масъалаҳои оилаву оиладорӣ,

арзишҳои оиладорӣ ва тарбияии фарзанд ба таври нишонрас инъикос ёфтааст.

Муаллифи рисола сохтори пиндорҳои педагогии Муҳаммад Ғаззолӣ ва Унсурулмаолии Кайковусро таҳлилу таҳқиқ намуда, ба чунин натиҷа расидааст, ки "Ба андешаи Ғаззолӣ, мурод аз ҷаҳду талош дар раванди тарбия, аз ҷумла, дар муҳити оила ва зимни он ташаккули арзишҳои оиладорӣ, ба монанди риояи одобу суннатҳои никоҳ, якдигарфаҳмӣ, муҳаббату вафодорӣ, таълиму тарбия, таъмини саломатии фарзандон, эҳтироми падару модар ва калонсолон, лутфу меҳрубонӣ нисбат ба ҳамдигар, сарфаю сариштакорӣ ва амсоли инҳо ба ҳадди инсони комил ва саодат расонидани ӯ мебошад".

Дар заминаи таҳлили амиқи таҳқиқоти педагогӣ оид ба ҳаёту фаъолият ва мероси адабӣ-ахлоқии Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ унвонҷӯ тибқи мисолҳои ҷамънамудааш ва натиҷаи озмоишӣ гузаронидааш хусусиятҳои хоси осори педагогии ин мутафаккиронро ошкор намуда, қайд мекунад, ки "Дар «Қобуснома»-и Кайковус ташаккули арзишҳои оиладорӣ ба монанди никоҳ, вафодориву муҳаббат, меҳру садоқат, якдигарфаҳмӣ, масъулият ва шафқати волидайн нисбат ба фарзандон, ғамхорӣ нисбат ба саломатӣ, илмомӯзиву донишандӯзӣ ва ахлоқи онҳо, донистани ҳаққи падару модар ва эҳтироми калонсолон, фарҳанги меҳмондорӣ дар оила, муносибати неку ба ҳамдигар ва ҳамсоягон, хешовандону дӯстон ва росқавлӣ дар ҳамбастагӣ ба ғояи асосии таълимоти сӯфия - тарбияи «Инсони комил» бо забони сода ифода шудааст". Яъне дар афкори педагогии Ғаззолӣ ва Кайковус тарбияи инсони идеалӣ ё ба ибораи тасаввуфӣ «Инсони комил» бо иштироки мустақим ва фаъолонаи падару модар таъкид шуда, ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ робитаи ногусастанӣ дорад.

Инчунин вежагиҳои мавзуӣ ва методологии навиштаҳои ду мутафаккирро баррасӣ намуда, хулоса баровардааст, ки "Ғаззолӣ

заминаи муҳими солимию пойдории оиларо дар робитаи мустақим бо омодагии маънавию равонии никоҳшавандагон арзёбӣ карда, тибқи аҳкоми шариат консепсияи мукаммали никоҳро асоснок намудааст, ки чунин тафсилоти арзиши мазкури оиладорӣ дар «Қобуснома»-и Кайковус ба назар намерасад”.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо: ҷанбаъҳои назариявии таҳқиқот** бо матолибу иқтибосоти сарчашмавӣ ва баррасии андешаҳои педагогиву психологӣ ва фалсафиву иҷтимоӣ асоснок гардида, барои омӯзиши минбаъдаи проблемаи бағоят муҳими иҷтимоии ҷомеаи муосири тоҷик, яъне ташаккули арзишҳои оиладорӣ, бунёди оилаи солим тавсияҳо ва хулосаҳои арзишмандӣ илмӣ манзур шудааст.

Аз мақолот ва таълифоти нашрнамудаи муаллифи рисола ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки Т. Олимов дар роҳи илм собитқадам буда, соҳиби истиқлоли фикрӣ ё худ дорандаи махсусиятҳои муҳаққиқи муосир мебошад. Зеро муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқот 12 номгӯйи маводи чопӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмиро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намуда, илова бар ин ҳамчун бахши амалии таҳқиқот натиҷаи таҷриба ва озмоишро дар шакли барномаи таълимии хониши беруназсинфии «Омодасозии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ» барои синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва натиҷагирии он таҳти роҳбарии омӯзгор»-ро ба табъ расонидааст. Нашр шудани маводи таълимӣ-методии мазкур, аз як тараф аз **саҳми шахсии муаллиф** дар таҳқиқи мавзуи мавриди назар ва аз апробатсия гузаштани нуктаҳои ҳимояшаванда хабар диҳад, аз ҷониби дигар далели он аст, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот иштироки бевосита доштааст.

Муаллифи рисола, **аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқоти** хешро дар рисола ва фишурдаи рисола аз рӯи методологияи

илмӣ хуб дастабандӣ намуда, дар ниҳоят бо пешниҳоди тавсияҳои пурарзиш мавқеъ ва ҷойгоҳи истифодаи онҳоро баён сохтааст.

Аз ҷумла, муаллиф таъкид мекунад, ки "хулосаву пешниҳодҳои илмии диссертатсия барои баланд бардоштани сатҳу сифати салоҳиятнокии фаъолияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон ва раванди иҷтимоишавии онҳо дар оила мусоидат намуда, дар мавриди зарурати таҷдиди назар ва такмил мундариҷаи «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро бо ғояҳои нави илман асоснок ғанӣ мегардонад". Дар воқеъ, баназаргирии хулосаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои таҷрибавӣ-озмоишии диссертатсия дар таҷдид ва тавсеаи масъалаҳои марбут ба оила, оилаи ҷавон, пешгирии никоҳи хешутаборӣ, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон ва дигар санаду ҳуҷҷатҳо аз фоида холӣ нест.

Таҳқиқоти диссертатсионии Олимов Тағойбек аз муқаддима, ду боб, 6 фасл, бахши хулосаҳо бо зербахши тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи адабиёти истифодашудаву замимаҳо иборат буда, дар қолаби диссертатсия, дар ҳаҷми 175 саҳифаи компютерӣ матни аслӣ, 25 саҳифа замима, 10 ҷадвал ва 19 расм таълифу таҳия гаштааст.

Дар **муқаддима** зарурат, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет ва мавзуи таҳқиқот муайян карда шудаанд, фарзия ба таври дақиқ ва мухтасар ифода карда шудааст, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои тадқиқот нишон дода шудаанд, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада инъикос гардидаанд, масъалаҳои дар ҳимоя тасдиқшаванда баён гардидаанд, тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои тадқиқот оварда шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва илмӣ-адабии асри XI ҳамчун сарчашмаи ташаккули афкори педагогии**

**мутафаккирони халқи тоҷик»** дар доираи се фасл масъалаҳои т**аъсири муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва илмӣ-адабии асри XI ба афкори педагогии мутафаккирони тоҷик, мақоми арзишҳои оиладорӣ дар афкори педагогии Унсурулмаолии Кайковус ва** ақидаҳои педагогии Муҳаммад Ғаззолӣ дар бораи арзишҳои оиладории халқи тоҷикро фаро гирифтааст.

Аз таҳлилу баррасии муаллиф чунин мушоҳида мешавад, ки ба андешаи муҳаққиқон барои ташаккул ва рушд ёфтани афкори тарбиявӣ ва панду ахлоқӣ омили муҳимтарин ин худи Инсон ва мақоми ӯ дар ҷомеа мебошад. Вале **муаллиф бо овардани мисолҳо ва сандаҳои таърихӣ собит намудааст, ки** барои ташаккул ва рушд ёфтани афкори тарбиявӣ ва панду ахлоқии ҷомеа, пеш аз ҳама, дар қатори омилҳои дигар, таъсири сиёсату иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг, маънавиёт, дину мазҳаб, руҳияи давраи мушаххаси таърихӣ таъсири бузург дорад.

Рисоланавис **афкори педагогии Унсурулмаолии Кайковусро таҳлилу баррасӣ намуда,** чунин хулоса мебарорад, ки соҳиби Қобуснома туфайли андешаҳои ҷолиби хеш консепсияи мукаммали тарбияи муттасил ва камолоти равонию ҷисмонии фарзандонро дар шароити оила офаридааст.

Ҳамчунин Тағойбек Олимов ғоя ва андешаҳои педагогӣ ва мероси пурғановати адабию ахлоқии мутафаккири шаҳири халқи тоҷик Муҳаммад Ғаззолиро мавриди таҳлили саҳеҳу амиқ қарор дода, моҳияти афкори педагогии ахлоқии Ғаззолиро хуб ошкор намудааст. Масалан, дар мавриди яке аз арзишҳои муҳимтарини оиладорӣ - никоҳ нигоҳи хосса доштани Ғаззолиро хуб таҳлил намуда, нуктаҳои меҳварии онро чунин тавсиф мекунад, ки никоҳ ба хотири шаҳват набуда, балки яке аз манфиатҳои муҳими он фарзанд, яъне бақои насли инсон аст; бо шарофати никоҳ инсон «чашм аз назару дил аз васваса» эмин мемонад; сабаби пешгирии ҳодисаҳои нангини фоҳишагӣ, ҷудошавии оилаҳо, аз ҷумла оилаҳои ҷавон, таваллуди фарзандоне, ки берун аз никоҳ таваллуд мешаванд, бағоят муҳим аст. Ва муҳимтар аз ҳама масъалаи пешгирии

ҳолатҳои никоҳи хешутаборӣ, яъне андешаҳои Муҳаммад Ғаззолӣ аз ақидаҳои Унсурулмаолии Кайковус дар ин масъала тафовут надоранд, онҳо якҷоя оид ба никоҳи хешутаборӣ, пешгирии оқибатҳои ҳузнангези ин падидаи номатлуб як тасаввуроти мукаммалро ташкил медиҳанд.

Ҷои таъкид аст, ки муаллифи диссертатсия дар асоси хулосаҳои хеш таҳқиқи масъалаи омӯзиш ва муайян намудани ҷойгоҳи ин масъала, яъне никоҳи хешутаборӣ ва оқибатҳои он дар афкори илмию педагогии мутафаккирони тоҷику форс барои солимии равонию ҷисмонии насли наврасро муҳим арзёбӣ мекунад. Гуфтан мумкин аст, тавсияи диссертант, дар ҳақиқат саривақтист, зеро вобаста ба ин масъала, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд, ки «Донишмандони соҳаи генетика ва тибби тоҷик сабаби бемориҳои солҳои охирро ба никоҳи хешутабории наздик мансуб диниста, тамоюли рӯ ба афзоиш будани онро илман исбот намудаанд». Аз ин рӯ, омӯзиш ва муайян намудани ҷойгоҳи никоҳи хешутаборӣ ва оқибатҳои он бағоят муҳим мебошад.

**Боби дуюми диссертатсия «Технологияи педагогии амалисозии арзишҳои оиладории мутафаккирони тоҷик дар раванди тарбияи оилавии ҷомеаи муосир» унвон дошта, дар қолаби се фасл** таҳаввулоти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи муосир дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳаёти оилавӣ ва арзишҳои оиладорӣ ҳамчунин имкониятҳои функсионалии оила, тағйирёбии он ва баъзе суннату арзишҳои оиладорӣ аз **масъалаҳои меҳварии ин боб маҳсуб меёбад**.

Дар фасли аввали боби мазкур шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои оиладорӣ ва моҳияти арзишҳои он илман, дар асоси таҷриба ва озмоиши гузаронидашуда асоснок гардидааст.

Инчунин натиҷаҳои озмоиши таҷрибавии технологияи педагогии истифодаи самарабахши афкори педагогии мутафаккирони асри XI дар раванди бунёди оилаҳои намунавии муосир мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки он дар се давра гузаронида шуда, дар заминаи истифода

аз методҳои илмии омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳо, аз ҷумла адабиёти илмӣ оид ба проблемаи таҳқиқ, эмпирикӣ – мушоҳидаи педагогӣ, пурсиш (шифоҳӣ ва хаттӣ), тест, суҳбат, таҳлили маводи таълимӣ, таълимӣ-методӣ, омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогӣ, озмоиши муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда, назоратӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти амалӣ, коркарди математикии натиҷаҳои таҳқиқот анҷом дода шуданд.

Муаллиф ошкор намудааст, ки ба раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ сатҳи барномаҳои амалкунанда ва китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва адабиёт барои хониши беруназсинфӣ таъсири амиқ мерасонанд ва натиҷаҳои самаранокии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба татбиқи арзишҳои оиладории мутафаккирони тоҷик дар раванди тарбияи оилавии муосир дарвоқеъ ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Таҳқиқот нишон дод, ки фаъолияти мунтазаму мақсадноки ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ташаккули ҳадафманди арзишҳои оиладорӣ дар замири насли наврас заминаҳои мусоид фароҳам меорад. Вале барои ташкили раванди самараноки он омодагии педагогии омӯзгорону волидайн ниҳоят зарур мебошад.

Хулосаи таҳқиқот бо ироаи матолиби зарурӣ, дар бандҳои муайян, беш аз 20 банд, натиҷагирӣ шуда, анҷом ёфтани таҳқиқ аз рӯйи мавзӯи мазкурро собит месозанд.

Рӯйхати адабиёти истифодакардаи муаллиф низ ҷолиби назар мебошад, он аз 147 номгӯ иборат буда, сарчашмаҳои аслӣ, манбаъҳои таҳқиқӣ ва санадҳои меъёриву ҳуқуқиро фаро гирифтааст.

**Мутобиқат ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)” ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: аз он ҷумла, ба

*банди 1* - Методологияи таҳқиқоти педагогӣ (асосҳои ҷаҳонбинии таҳқиқот; равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогӣ, мувофиқат ва ҳудудҳои татбиқи онҳо; усулҳои таҳқиқоти педагогӣ;) ва *ба банди 2* - Таърихи рушди илми педагогика ва амалияи таълим (рушди таърихии амалияи таҳсилот; ташаккул ва рушди афкор; консепсияҳо, назарияҳо; омӯзиши монографияи мероси педагогии омӯзгорони маъруфи замони гузашта) мутобиқат мекунад.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмиву амалӣ дар диссертатсия баъзе норасоиҳои ҷузъӣ низ ҷой доранд, ки зикри бархе аз онҳо ба ҳукми пешниҳод мувофиқи мақсад аст:

1. Дар диссертатсия аз гуфторҳои мутафаккирон дар асоси матнҳо иқтибосҳое оварда шудаанд, ки дар онҳо ғалатхонӣ роҳ ёфтааст. Хуб мешуд, диссертант дар ислоҳи дурусти матнҳои мазкур кӯшиш намояд, то фаҳми матлабу мантиқи сухан барои хонандагон низ дуруст гардад.

2. Хуб мебуд, диссертант матлабҳои марбут ба арзиши оиладорӣ, ки дар асари дигари Муҳаммад Ғаззолӣ “Айййуҳа-л-валад” омадааст, мавриди корбарӣ ва муқоисаву таҳлил қарор медод.

3. Масъалаи ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар рисола ба таври густарда ва фарогир таҳкик нашудааст. Хуб мебуд диссертант дар мисоли дигар мутафаккирону файласуфони қарни XI таҳлилу таҳқикро вусъат медод.

4. Дар баъзе қисматҳои таҳқиқоти диссертант фикрҳои такрор ва умумигӯӣ дида мешавад, ки ба инобат гирифтани ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

5. Дар феҳристи адабиёти истифодашуда низ баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба салоҳи кори муаллифи диссертатсия мебошад ва баъзе хатоҳои имлоиву услубиро дар худи матни диссертатсия нишон додаам.

Эродҳои мазкур хислати тавсиявӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

**Хулосаи ниҳоӣ:** Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки Олимов Тағойбек диссертатсияи номзадиро тахти унвони “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)” мустақилона кори хуби илмӣ-таҳқиқотиро ба анҷом расонидааст. Ӯ нақшаҳои таҳқиқии матраҳкардаашро ба пуррагӣ амалӣ намуда, ба ҳадафҳои илмии таҳқиқот ноил гардидааст.

Диссертатсия мувофиқи талаботи бандҳои 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва ба Шурои ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илми педагогӣ мебошад.


Муқарризи расмӣ,
номзади илмҳои фалсафа, сардори
маркази иттилоот ва таҳлили
Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров” Ҳодибоев Ф. А.

Имзои Ф.А. Ҳодибоевро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров” Наврӯзов Э.М.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

*Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.*
*Тел.: +992 92-888-46-05*
5-уми июни соли 2023